«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.
_______________________
«____»_______________с. 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи: «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст.**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи: «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба санадҳои зерин: шиносномаи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз): 1.5. Ниҳодҳои молиявӣ: назария, методология, қоидаҳои рушд ва такмили идоракунӣ. 2.1. Рушди унсурҳои молияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ. 2.2. Танзими молиявии равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ. 2.3. Назария, методология ва методикаи банақшагирии молиявӣ дар сатҳи давлат ва маҳаллӣ. 2.8. Муносибкунонии раванди буҷетӣ: такмили системаи идоракунии даромадҳо ва хароҷоти системаи буҷетӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, мувофиқат мекунад.

2. **Мубрамият ва зарурати мавзуи таҳқиқот.** Идоракунии молияи маҳаллӣ қисми ҷудонопазири молияи давлатӣ баҳисоб рафта, барои рушди маҳал ва сатҳи некуаҳволии мардум нигаронида шудааст. Чуноне, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зикр шудааст, ҳалли самараноки мушкилоти пешрафти оянда пеш аз ҳама аз самаранокии идоракунии молияи давлатӣ ва маҳаллӣ вобаста аст, ки он ба омезиши оқилонаи усулҳои мустақим ва ғайримустақими танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст.

Маврид ба зикр аст, ки низоми молиявӣ бо механизми

идоракунии ҷалби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои рушди устувори минтақа ва шафофияти молиявӣ бо мақсади сатҳи некуаҳволии мардум ва пайваст кардани раванди буҷети маҳаллӣ бо банақшагирии стратегӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷудо кардани моликият ва таъмини мустақилияти молиявии онҳо равона гардидааст.

Низоми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун низоми фаъол дар сатҳи иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, манбаъҳои асосии маблағгузорӣ ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маҳсуб меёбад, ки ин аз шафофияти идоракунии молияи маҳаллӣ тавасути барномаҳои мақсаднок сурат мегирад.

Чуноне, ки дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии ҷумҳурӣ" аз 26 декабри соли 2018 таъкид намуданд: «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ бо дарназардошти афзалиятҳои кишвар, иҷрои сифатноки қисми даромад ва хароҷоти буҷет, шаффофияти хароҷоти он, инчунин пешниҳоди нақшаҳои дурнамои ислоҳот дар ин самтҳо татбиқ карда шавад». Дар баробари ин, мавриди зикр аст, ки идоракунии самараноки молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҳадафҳои стратегии қабулгардида ва вазифаҳои сиёсати иқтисодии давлат, ки пеш аз ҳама ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва беҳтар гардонидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ равона гардидаанд, сурат мегирад.

Маврид ба зикр аст, ки механизми идоракунии молияи мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ яке аз бахшҳои асосии иқтисодиёт дар минтақаҳои Тоҷикистон аз фаъолияти босамар ва самаранокии идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ вобастагӣ дошта, дар ин маврид дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус зикр намуданд, ки «Дар шароити муосир рақамисозии идоракунии буҷети давлатӣ яке аз самтҳои таъмини иҷрои босифати буҷет ва шаффофияти он мебошад». Бо ин мақсад, такмили механизмҳои идоракунии молияи маҳаллӣ дар фазои гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ, истифодаи технологияи рақамӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ масъалаи кам таҳқиқ гардида боқӣ монда, ба тавсияҳои илман асоснок ниёз доранд.

Бо назардошти камбудиҳои ҷойдошта диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич меҳнати анҷомёфтаи илмӣ мебошад, ки роҳи ҳалли нави як масъаларо дар сатҳи маҳаллӣ илман ифшо намудааст.

**3. Саҳеҳии натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо).**

**Ба ақидаи мо унсурҳои навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузаронидашуда хело саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунин аст:**

- назарияи асосии консепсияи идоракунии молияи давлатӣ низомбандӣ гардида, инчунин аз тарафи муаллиф таъриф оид ба идоракунии молияи давлатӣ ва принсипҳои заминавии он пешниҳод гардид;
- муносибатҳои методӣ илман асоснок доир ба арзёбии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ, аз ҷумла усули барномавӣ-мақсаднок дар идоракунии буҷети маҳаллӣ пешниҳод шуданд;
- таҳлили ҳолати муосири иҷтимоӣ-иқтисодии рушди вилояти Хатлон гузаронида шуд ва имконияти арзёбии нишондиҳандаҳои буҷети маҳаллӣ, нақши он дар низоми молиявии минтақавӣ ва механизмҳои идоракунии қисмати даромад ва хароҷоти онро дод;
- усули мониторингӣ раванди идоракунии буҷети маҳаллӣ бо пешниҳоди асоснок оид ба такмили механизмҳои идоракунии барномавии мақсаднок дар баланд бардоштани самаранокии даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ таҳия гардид;
- самтҳои асосии такмили механизмҳое, ки ба идоракунии буҷети маҳаллӣ мусоидат мекунанд, коркард ва пешниҳод гардидаанд.

**4. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дар ҷараёни ҳал ва исботи илмии масъалаҳои дар диссертатсияи илмӣ гузошташуда муаллиф омӯзиши муқаррароти илмии олимони хориҷӣ ва ватаниро оид ба роҳҳои самараноки идоракунии молияи давлатӣ, хусусиятҳои идоракунии хазинавии манбаъҳои молиявии давлат, буҷети давлатӣ ва мақоми он дар низоми идоракунии молияи давлатӣ, таҳлили идоракунии андозҳои давлатӣ ва такмили онҳо, инчунин механизмҳо ва самтҳои стратегии такмили идоракунии молияи давлатиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Асосноккунии хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷиро, ки дар ин самт таҳқиқот бурдаанд, эҷодкорона истифода бурда, ақидаҳои илмиро дар

самти идоракунии молияи давлатӣ, механизмҳо ва самтҳои такмили идоракунии молияи давлатиро мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст.

Бояд зикр кард, ки дар раванди таҳия кардани диссертатсия методҳои гуногуни мантиқӣ, иқисодиву оморӣ ва таҳлилҳои муқоисавию графикӣ, ки дар таҳқиқотҳои иқтисодӣ муҳим мебошанд, истифода карда шудаанд.

Заминаи назариявии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро рисолаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ оид ба мукаммалгардонии идоракунии молияи маҳаллӣ ташкил додааст. Ба сифати манбаъҳои итилоотии таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш аз ҳама маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои рақамӣ ва ҳисоботии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, институтҳои байналхалқии молиявӣ, натиҷаҳои таҳлилу хулосаҳои институтҳои давлатӣ, корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, инчунин маводҳои маълумотӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, санадҳои барномавии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Точикистон барои давраи то соли 2030», Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 (СИМД), маълумотҳои Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, инчунин шабакаҳои гуногуни интернетӣ ташкил додаанд.

Дар рафти шиносоӣ бо диссертатсия қайд намудан мумкин аст, ки муаллиф тавонистааст бо истифода аз маълумотҳои мавҷудаи илмӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот хулосаю пешниҳодҳои хешро асоснок намояд. Инчунин, аз таҳлил ва баррасии маводи рисолаи дисертатсионӣ хулоса намудан мумкин аст, муаллиф дар баробари оқилона истифода бурдани маълумотҳои назариявӣ маводи омориро низ вобаста ба мақсади таҳқиқот ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намуда, саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои илмиро асоснок кардааст.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, назариявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**5.1. Аҳаммияти илмии таҳқиқот**.

Аҳаммияти илмию таҳқиқоти назариявию методии мукаммалгардонии идораи молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ақидаҳои назариявии мактабҳои иқтисодӣ ва олимони ватанию

хориҷӣ дар амал асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти методию назариявии гузаронидашуда дар оянда ҳамчун заминаи маълумот барои гузаронидани таҳқиқоти соҳаи молия, идоракунии молияи давлатӣ ва буҷет ва низоми буҷетӣ кумак мекунанд.

Хулоса ва муқаррароти диссертатсия, асосҳои методологии баҳодиҳии самаранокии идоракунии молияи маҳаллиро таҳия намуда, роҳҳои идоракунии самараноки буҷети давлатиро муайян менамояд. Як қатор натиҷаҳои назариявию методӣ ва амалиро метавон зимни таҳияи лексия ва курсҳои махсуси амалӣ, ба монанди «Молия», «Буҷет ва низоми буҷетӣ», «Низоми хазинадорӣ», «Назорати давлатии молиявӣ», «Мониторинги молиявӣ», «Идоракунии молияи давлатӣ», «Буҷетҳои маҳаллӣ» ва ғайраҳо истифода намуд.

**5.2. Аҳаммияти амалии таҳқиқот.**

Дар амалия бошад, хусусан дар низоми идоракунии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои молияи минтақавӣ барои идоракунии оқилона ва самараноки молияи давлатӣ ва маҳаллӣ кӯмак мекунанд. Тавсияҳои амалию назариявӣ барои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва институтҳои муҳими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми идоракунии молияи давлатӣ аҳамиятнок мебошанд.

**5.3. Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот**.

Вобаста ба натиҷаҳои иқтисодии таҳқиқот, тавсияҳо ва амалинамоии чорабиниҳо пешниҳо оиди такмили механизми идоракуни молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ва роҳҳои ғанигардонии молияи маҳалҳо тавасути барномаҳои мақсаднок, самаранок истифодабурдани онҳо, омили муҳими таъмини рушди устувори нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявӣ, афзоиши маҳсулот ва хизматрасониҳо дар маҳаллҳо хоҳад шуд.

**5.4. Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот.**

Дар натиҷаҳои илмию амалии кори таҳқиқшуда, пешниҳодҳо оиди ғанигардонидани буҷети маҳаллҳо ва самаранок истифодабарии онҳо омили рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, зина ба зина баланд бардоштани музди меҳнати кормандони маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии маҳаллҳо мешавад.

**6. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.** Сохтори кори диссертатсионӣ, гузориши мақсад ва мантиқи алоқамандии онҳо нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи гузоштаро дарк намуда, масъалаҳои муҳими ба идоракунии молияи давлатӣ ва маҳаллӣ алоқаманд бударо аниқ намуда, асосҳои назариявии татбиқи идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро шарҳ дода, тавсияҳоро барои ҳалли

мушкилоти ҷойдошта дар ин самт асоснок намудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва методологии механизмҳои идоракунии молияи давлатӣ»** муаллиф оид ба муносибатҳои назариявӣ доир ба тавсифи моҳияти идоракунии молияи давлатӣ, таснифи механизмҳо ва принсипҳои асосии идоракунии молияи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муносибатҳои методӣ доир ба арзёбии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ таҳқиқот гузаронидааст.

Таҳқиқи ҷанбаҳои илмию назариявии идоракунии молияи давлатӣ ва маҳаллӣ ба муаллиф имкон дод, ки онҳоро гурӯҳбандӣ карда, мавриди шарҳу эзоҳ қарор диҳад (ҷадвалҳои 1.1, 1.5, саҳ 16-19 ва 29-32). Муаллиф дар ин боб исбот кардааст, ки то кунун андешаи ягонаи умумэътирофгардида оид ба мафҳуми "идоракунии молияи маҳаллӣ" вуҷуд надорад.

Инчунин, муаллиф асосҳои консептуалии идоракунии молияи маҳаллиро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, тавсифи онро вобаста ба ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ ба низом даровардa, муайян кардааст. Яке аз бартариятҳои рисолаи диссертатсионӣ дар он мушоҳида мешавад, ки муаллиф оид ба ҷамъбасти бобҳои диссертатсия хулосаю пешниҳодҳои мушаххас намудааст. Дар асоси таҳлили консепсияҳои мавҷуда дар диссертатсия механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо дарназардошти равандҳои муосири методологӣ ва рақамикунонӣ пешниҳод карда шудааст (саҳ 48).

**Дар боби дуюми диссертатсия «Таҳлили ҳолати муосири фаъолияти механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон»** муаллиф ҳолати муосири рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлонро ошкор намуда, арзёбии вазъи механизмҳои идоракунии ташаккулёбии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон ва таҳлили амали механизмҳои идоракунии хароҷоти буҷети маҳаллиро дида баромадааст.

Мавриди зикр аст, ки муаллиф дар ин боб бештар ба таҳлили элементҳо, яъне унсурҳои асосии низоми молиявӣ, аз ҷумла буҷети маҳаллӣ, фондҳои асосӣ, арзёбии вазъи механизмҳои идоракунии ташаккулёбии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон ва муносибатҳои байни буҷетиро гузаронидааст, ки ин муваффақияти хеле калон аст. Муаллифи диссертатсия дар боби дуюм таҳлили қисми даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллиро хеле хуб анҷом дода, механизмҳои самаранок истифода намудани онҳоро мушаххасан пешниҳод намудааст. Дар диссертатсия давраи солҳои 2010-2022 ҳамчун давраи таҳқиқ интихоб шуда, динамикаи

хароҷот ва даромади буҷети давлатӣ, сохтори он ва дигар нишондиҳандаҳои он мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Муайян гардидааст, ки дар ин давра ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ 1,8 маротиба афзоиш ёфта, ба 2,6 миллиард сомонӣ баробар шуд.

**Боби сеюми диссертатсия «Самтҳои асосии такмили механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон» -** ба масъалаҳои амалигардонии алгоритми идоракунии молияи маҳаллӣ ва равандҳои асосии он, пешниҳодҳо оид ба мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии барномавӣ-мақсаднок дар буҷетҳои маҳаллӣ дар шароити амалишавии Стратегияи миллии рушди кишвар бахшида шудааст.

Махсусан, қайд намудан бамаврид аст, ки муаллиф дар ин боб модел ва алгоритми идоракунии низоми молияи маҳаллиро пешниҳод намудааст, ки муваффақияти хуб аст.

Дар хулоса, натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст карда шудаанд.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба натиҷагирии диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳо ва дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи докторант мусоидаткунанда мебошад.

**1.** Аз нигоҳи муқарриз агар номи боби 1-уми диссертатсия “Асосҳои назариявӣ ва методологии механизмҳои идоракунии молияи давлатӣ” ба “Асосҳои назариявӣ ва методологии механизмҳои идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” тағйир карда мешуд, беҳтар мешуд, зеро ба номи мавзуъ мувофиқ меомад.

**2.** Дар зербоби 1.3-и диссертатсия, ҷадвали 1.7- Нишондиҳандаҳои сифати пешкаш намудани хизматҳои давлатӣ, ки самаранокии иҷтимоиро тавсиф медиҳанд ва диаграммаи 1.1-Сохтори даромади буҷетҳои маҳаллии кишварҳои аврупоӣ таҳлил гардидааст. Агар аз ҷониби муаллиф ҳамчунин давлатҳои ҳамсоя ва ё давлатҳои иқтисодиёташон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон монанд мавриди таҳлил қарор мегирифт ва як модели намунавӣ барои истифода дар ҷумҳурӣ тавсия менамуд, кори диссертатсионӣ сатҳи беҳтарро касб мекард (саҳ. 56-59, 60-63).

**3.** Муаллифро зарур аст, ки ҷадвалҳоро бояд бо ду рақам - рақами боб ва рақами тартибии ҷадвал дар доираи ҳамин боб рақамгузорӣ кунад, дар ин маврид талаботи 6.37 ва 38 Дастурамал риоя нашудааст, аз як саҳифа ба саҳифаи дигар гузаронидани ҷадвал тибқи талабот сурат бояд гирад.

**4.** Зербоби 2.1. диссертатсия “Ҳолати муосири рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлон” номгузорӣ шудааст ва дар ин параграф бештар таҳлилҳо доир ба молияи мақомотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ гузаронида шуда, аз ҳолати иқтисодии он ба таври комил таҳқиқот гузаронида нашудааст, такмил мехоҳад. Ҳамзамон, зербобҳои мазкур бештар хусусияти таҳлилӣ дошта, омилҳо ва сабабҳои кам ва зиёдшавии нишондиҳандаҳо пурра аз ҷониби диссертант кушода нашудааст.

**5.** Дар диссертатсия ба баъзе камбудиҳои техникӣ, имлоӣ, услубӣ ва мантиқӣ роҳ дода шудаанд.

**8. Мутобиқати тахассуси илмии докторант ба дараҷаи илми дархостшаванда.** Чуноне ба мо аз пешниҳодҳои докторант маълум гардид, тахасусси илмии Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифати шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қобилият, масъулиятшиносӣ ва сатҳи баланди корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ, таъкид намудан ба маврид аст.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Аз рӯи мавзӯи таҳдқиқоти диссертатсионӣ 20 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**10. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия.**

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад. Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки рисолаи диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд.

**11. Хулосаи умумӣ**

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33 - и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин, арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионӣ Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич

дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дода шавад.

Тақризи муассисаи пешбар дар маҷлиси якҷояи кафедраҳои «Фаъолияти гумрукӣ» ва «Молия ва суғурта»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи «30» октябри соли 2024, протоколи №04 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: Тарафдор - 21 нафар, зид - нест, бетараф -нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
мудири кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Соҳибназаров Ғ.Х.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
(аз рӯйи ихтисоси 08.00.10- Молия, муомилоти пул ва қарз),
кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Давлатмуродов Ш.М.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Гулаков У.М.

**Имзоҳои н.и.и., Соҳибназаров Ғ.Х., н.и.и., Давлатмуродов Ш.М., н.и.и., Гулаков У.М-ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** — **Тавқиев Э.Ш.**
**«01» 11 соли 2024**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Тел.: (+992-37) 221-77-11, 2214796
E-mail: tnu.int.re@gmail.com
Сомона: www.tnu.tj